Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе кучаи Нахимов 64/14
E-mail:faridullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробуддин дар мавзӯи “Мукаммалгардонии низоми пардохти ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Вализода Шавқат Шаробуддин мубрам ва муҳим буда, дар он масъалаҳои ташаккули суръатноки низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ таҳқиқ шудаанд.

Ташаккул, рушд ва муаммалгардонии низоми пардохти ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи рушд ва амалкарди муносибатҳои иқтисоди рақамӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин хотир, омӯзиши масъалаи мукаммалгардонии низоми пардохти ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди рақамӣ мавзӯи мубрами иқтисодӣ ва интихоби саривақтии муаллиф мебошад.

Вобаста ба мубрам будани мавзуи диссертатсия Вализода Шавқат Шаробуддин ҳаминро бояд қайд намоям, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.2023 таҳти рақами №586 “Дар бораи Тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” қарор қабул намудаанд. Пардохтҳои ғайринақдӣ барои ҷомеа аҳамияти муҳим дошта, оммавӣ гардидани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми пардохти молу хизматрасонӣ ба вусъати ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии мамлакат мусоидат мекунад. Гузашта аз ин дар иқтисодиёт ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф гардида, ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ қоҳиш меёбад ва боиси зиёдшавии воридоти маблағҳои андоз мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳои асоснокшуда ва номгӯи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯъ ва сатҳи омӯзиши рисола, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва навгониҳои илмӣ ва дигар масъалаҳои зарууртарин зикр шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои назариявӣ – методии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ» номгузорӣ карда шудааст, ки дар ин

қисмат аз ҷониби унвонҷӯ таҳаввули асосҳои консептуалии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, заминаҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва хусусиятҳои хоси он, таҷрибаи байнлмилалии ташкил ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия новобаста аз чопи асарҳои зиёд доир ба мавзӯи кори илмӣ, то ҳол нисбати маънои истиллоҳҳои «Пардохт», «Низоми пардохтӣ», «Пардохти ғайринақдӣ», «Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» ақидаҳои баҳсталаб ва баъзан андешаҳои носаҳеҳ ва зиддиятнок вуҷуд доранд. Айни замон зарурат ба аниқу амиқ кардани мафҳуму моҳияти онҳо ва зарурати ворид кардани тағйироту иловаҳо ба миён омадааст (саҳ. 11 автореферат) ва мо низ фикру ақидаи унвонҷӯро дуруст ва аз назари илмӣ судманд баҳогузорӣ менамоем.

Ба назари муаллифи диссертатсия низоми пардохтии ғайринақдӣ ин низоми иҷрои амалиётҳои молиявии байниҳамдигарии субъектҳо ба воситаи техника ва технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ бидуни иштироки бевоситаи пули нақд буда, бо принсипҳои саривақтӣ, таъминокӣ, мунтазамӣ, бехатарӣ асос ёфта, раванди иҷрои он бо қонунҳои давлатӣ ва қоидаҳои бонкӣ танзим шуда, бо назардошти пешрафти илму техника такмил дода мешавад. (саҳ. 12 автореферат)

Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф таҳаввулоти гардиши пулӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ дар расми 2 пешниҳод гардида, андешаи худро хеле асоснок намудааст, ки боиси дастгирӣ мебошанд. (саҳ. 12 автореферат).

Дар ин боб тадқиқоти муаллиф ҷиҳати меъёрҳои гуногуни нишондиҳандаҳо дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон ва шарҳи онҳоро пешниҳод кардааст, ки аз корҳои илмии дигар муҳуққиқон ба куллӣ фарқ мекунад ва хеле ҷолиб арзёбӣ мешавад (саҳ. 13 автореферат).

Боби дуюми диссертатсияи Ализода Шавқат Шаробуддин «Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи иттилооти ҳаҷман калони оморӣ ва тарзу роҳҳои таҳлили муосири иқтисодӣ, аз қабили усулҳои таҳлили муқоисавӣ, оморӣ, иқтисодӣ ва ғайра истифода шудааст, ки ба ақидаи мо натиҷаи ҳисобҳои анҷомёфта аҳамияти илмӣ, илмӣ-методӣ ва амалӣ доранд. Дар ин бахши кор таҳлили вазъи муосир ва марҳилаҳои ташаккули низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Тоҷикистон, таҳлили тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои низоми пардохтии ғайринақдӣ ва омилҳои мусбӣ ва манфии ба он таъсиррасонанда, арзёбии самараи иқтисодию иҷтимоии

истифодабарии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар шароити иқтисодиёти муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ» - ба самтҳои асосии такмили низоми пардохтии ғайринақдӣ, механизми истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ дар самти ташкил ва идора кардани низоми пардохтии ғайринақдӣ, тадбирҳо дар самти вусъат бахшидани пардохтҳои ғайринақдӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд иҷро гардидаанд, бахшида шудааст.

Дар автореферат муаллиф қайд намудааст, ки низоми пардохтии кишвар ҷузъи муҳими инфрасохтори молиявӣ мебошад, ки ба воситаи он фаъолияти самараноки соҳаҳои воқеӣ, хориҷӣ ва молиявии иқтисодиёт таъмин карда мешавад. Нақши муҳимро дар таъмини рушди низоми пардохтӣ ва мукаммалгардонии мунтазами он Бонки миллии Тоҷикистон иҷро намуда, барои ташаккул ва рушди низоми миллии пардохтӣ дар асоси таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби ин ниҳоди миллӣ тадбирҳои судманд ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ. 19 автореферат).

Бо назардошти вазифаҳои муайян ва мушкилоти мавҷуда аз ҷониби муаллиф дар автореферати диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ба таври нақшавӣ пешниҳод гардидааст, ки дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад. (саҳ. 20 автореферат).

Аҳамияти илмӣ – амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи муаллиф ба инкишофи назариявии пардохтҳои ғайринақдӣ, мукаммалгардонӣ ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он мусоидат хоҳад кард.

Дар қатори дастоварду муваффақиятҳои дар автореферат овардашуда, баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ва баҳснок ҷой доранд:

1. Дар саҳифаи 21 автореферат муаллиф дар расми 6 зинаҳои муҳими танзими давлатӣ оид ба татбиқи самтҳои асосии рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ хеле хуб нишон додааст, аммо ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф ҳар як зинаҳои пешниҳоднамударо шарҳу тавзеҳ медод.

2. Кор бурд мекард, агар муаллиф дар қисмати таҳлилии диссертатсия SWOT – таҳлилро анҷом медод, тарафҳои пурқувват, заиф, имкониятҳо ва хавфҳоро пешниҳод менамуд.

Камбудиҳои зикршуда, ба фикри мо, ҷузъӣ буда, сифати баланди кори илмиро паст намекунад.

Хулоса, автореферати диссертатсия аз рӯйи таркиб ва мазмуни худ кори мустақилонаи илмӣ ва квалификатсионӣ мебошад, аҳамияти илмӣ ва амалӣ

дорад. Кори илмӣ, ба фикри мо пурра ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи диссертатсия барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**мудири кафедраи баҳисобгирии**
**бухгалтерӣ Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

**Суроға: 735700, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд;17 мкр-н., хонаи 1,**
**Тел:+992(3422)2-38-11, E-mail: tsulbp@rambler.ru**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор Дадоматов Д.Н-ро тасдиқ**
**мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**